Тақризи

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Набиева Меҳрангез Назаровна дар мавзӯи «Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ - муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст.

Шурӯъ аз солҳои сиюми асри XX адабиётшиносии тоҷик рушд карда, дар мактаби Сардафтари адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ донишпажӯҳони дақиқназаре тарбия ёфтанд, ки бо гузашти замон худ соҳибмактаб гашта, сафҳаҳои тозаеро аз розҳои нуҳуфтаи адабиёти пурбори ин миллат ошкор намуданд. Воқеан, аз донишмандони сермаҳсули нимаи дувуми асри гузашта ва даҳаи аввали асри кунунӣ, ки бевосита дар мактаби устод С.Айнӣ тарбия дидаву, ҳамзамон, барои муаррифиву накди ин мактаб асарҳои гаронарзише ба таҳрир кашидааст, Муҳаммадҷон Шакурӣ мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқи рӯзгор ва осори М.Шакурӣ, баррасии ақидаҳои ӯ дар робита ба таърихи адабиёт, хусусан, омӯзиши андешаҳои мавсуф дар ростои эҷодиёт ва осори мондагори устод С.Айнӣ аз мавзӯоти мубрами адабиётшиносии муосири тоҷик ба шумор меравад, ки хушбахтона аз ҷониби Набиева М.Н. мавриди омӯзиши ҳамаҷониба ва монографӣ қарор гирифтааст.

Аз мутолиаи диссертатсия бармеояд, ки муаллиф Набиева М.Н. тавонистааст, то такя ба сарчашмаҳои илмии ватаниву хориҷӣ, таҳлили бевоситаи осори М.Шакурӣ ва хулосабарориҳои мантиқии худ мавзӯи мазкурро ба таври бояду шояд дар доираи як диссертатсияи номзадӣ мавриди омӯзиш қарор диҳад. Хусусан, баррасии дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, муайян намудани ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, равишҳои пажӯҳишие, ки дар навиштани диссертатсия ба кор рафтаанд, нуктаҳои меҳварие, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд, масъалагузориҳову таҳлилҳое, ки дар диссертатсия сурат гирифтаанд, инчунин, дастовардҳои илмие, ки бори аввал дар ин диссертатсия инъикос

ёфтаанд, ишора ба истеъдоду малакаи илмӣ ва мутолиаи густардаи муаллиф Набиева М.Н. менамояд.

Ба ибораи дигар, бо мутолиаи диссертатсия метавон лаёқати таҳлил, неруи кор бо сарчашмаҳо, қобилияти расидан ба хулосаҳои саҳеҳу мантиқӣ ва ҷустуҷӯи мӯшикофонаи илмии муаллифро, ки бозтоби рӯзгори М.Шакуриро дар осор ва нақдҳои адабиётшиносии ӯ мавриди омӯзиш қарор додааст, бараъло мушоҳида намуд.

Аз ҷумла, хулосаи Набиева М.Н. дар мавриди он ки М.Шакурӣ мундариҷаи ғоявии адабиёт ва моҳияти эстетикии онро дар ҳамбастагӣ бо масъалаҳои поэтика ва услуб таҳлил намуда, ба таҳқиқи равияи наве дар адабиётшиносии тоҷик роҳ кушодааст ва асоси пажӯҳиши ин донишмандро ошкор намудани навгониҳои эстетикии нависандагони ҷудогона, мустаҳкам намудани асосҳои методологӣ, назари бориз доштан дар дарки ҷараёнҳои адабӣ, далелнокии фикр ва баҳогузории ҳаққониву одилона ба осори бадеӣ ташкил менамояд, аз ошноии рисоланавис на фақат ба ҳама осори М.Шакурӣ, балки аз шинохту ошноии ӯ ба тадқиқотҳои зиёди дар ин самт анҷомшуда, ҳамзамон, аз диди мӯшикофона ва дақиқии илмии ӯ дарак медиҳад.

Арзиши назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он хулоса мешавад, ки такя ба пажӯҳиши муаллиф метавон дар бахшҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ курси махсусе оид ба нақди адабиёти муосир ташкил карда шуда, натиҷаҳои илмии бадастомада дар навиштани китобҳои дарсии таърихи адабиёти тоҷик, таълифи мақолаҳои илмиву диссертатсияҳо мавриди истифода қарор гиранд.

Диссертатсия бо сабки хуби илмӣ навишта шуда, муаллиф ба ҳадаф ва вазифаҳои назди худ гузошта расидааст. Моҳияти асосии диссертатсия дар 5 мақолаи илмие, ки муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ФР ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст, инъикос ёфтааст.

Инчунин, нуктаҳои муҳимми натиҷаҳои таҳқиқ дар шакли фишурдаву маъруза дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳии илмӣ-

амалии ҳайати устодону кормандони ДМТ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертатсия дар мавзӯи «Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ-муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он - Набиева Меҳрангез Назаровна, ба дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик сазовор аст.

Доктори илмҳои филология, профессор, узви пайвастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон — Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ

Тасдиқ мекунам: Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илми ҶТ — Расулзода Файзиддин

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС